ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Иброҳимзода Зафар Иброҳим дар мавзуи «Тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон (солҳои 1991-2021)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик).

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқшуда ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.1 - Таърихи ватанӣ (Таърихи халки тоҷик) комилан мутобиқ мебошад. Диссертатсияи Иброҳимзода Зафар Иброҳим ба яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи иҷтимоӣ ва рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон – тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар (1991 - 2021) бахшида шудааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот ба он вобаста мебошад, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ рушди низоми маориф ва таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд вилояти Хатлон ҳамчун яке аз минтақаҳои калони кишвар бо шумораи зиёди аҳолӣ ва муассисаҳои таълимӣ мавқеи муҳим дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди низоми тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар вилояти мазкур аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ касб менамояд. Муаллифи диссертатсия кӯшиш намудааст, ки раванди ташаккул ва таҳкими низоми тайёр намудани кадрҳои омӯзгориро дар вилояти Хатлон дар доираи солҳои 1991- 2021 мавриди таҳқиқ қарор дода, нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, коллеҷҳо ва низоми бозомӯзии кадрҳои педагогиро дар ин раванд муайян намояд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Навгонии илмии диссертатсияро метавон дар як қатор самтҳо арзёбӣ намуд.

- рисолаи мазкур аввалин тадқиқоти мукаммали илмӣ мебошад, ки таърихи омода намудани кадрҳои омӯзгориро дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ меомӯзад;

- нахустин бор таҳқиқ намудани омилҳои заминавии иқтисодӣ-иҷтимоии таъсисёбии Муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар вилояти Хатлон ва нақши онҳо дар омодакунии кадрҳо;

- мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додани фаъолияти донишгоҳҳо дар замони соҳибистиқлолии мамлакат ва пешрафти заминаҳои моддӣ-техникии онҳо;

- омӯзишу таҳлили масъалаҳои беҳтаршавии шароити кории устодону профессорон ва кормандони МТОК-ҳои вилоят ва саҳми онҳо дар бартарафсозии мушкилоти соҳа;

- таҳлили рушди соҳаи маориф дар замони истиқлол нишон медиҳад, ки нақши асосиро дар ин самт мутахассисон бозиданд ва аз ҳамин лиҳоз дар рисола бори аввал системаи тайёркунии кадрҳои соҳаи омӯзгориро ва нақши онҳо дар ташаккули маорифи вилоят муайян карда мешавад;

- дар рисола хизматҳои арзишманди садорати донишгоҳҳо ва дигар устодон, ки дар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ талошҳои зиёд намудаанд, инъикос ёфтааст;

- дар рисола бори нахуст далелҳои муқоисавӣ доир ба вазъи маорифи вилоят дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва пас аз он, хусусан аз солҳои 2000-ум инҷониб, аҳаммияти стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар рушди минбаъдаи маорифи вилоят оварда шудааст.

-ҳамчунин дар рисола бори аввал таърихнигории таърихи тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ таҳлил гардид ва корҳои олимони соҳа, сарчашмаҳои таърихиву маводди бойгонӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифт.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.

1.Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ соҳаи маорифи кишвар зарари ҷиддӣ дида, шароити моддӣ – техникии муассисаҳои таълимӣ хеле хароб гардид. Ҳамзамон, чунин вазъият боиси тарки касби худ намудани қисме аз омӯзгорони ботаҷрибаи вилоят гардид. Аз ин лиҳоз, ошкор гардидааст, ки яке аз мушкилоти асосии маорифи вилоят нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ ба шумор мерафт.

2. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ новобаста аз вазъияти мураккаби баамаломада, ҳукумати мамлакат, пеш аз ҳама Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ба инобат гирифтани аҳаммияти матлаби болозикр ба соҳаи маориф, хусусан вилояти мазкур рӯй оварда, бо мақсади баровардани соҳа аз вазъияти душвор тамоми имкониятҳо ва воситаҳои дохилию хориҷиро истифода намуданд. Ба авзои нобасомони солҳои ҷанги шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, асоснок карда шудааст, ки дар мамлакат қабули як зумра қарору қонунҳо, барнома ва стратегияҳои давлатӣ вобаста ба рушди соҳаи маориф ва рафъи камбудиҳои ҷойдошта амалӣ карда шуданд.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери сиёсати Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои аввали истиқлолият муҳиммияти таъсиси донишгоҳҳоро дар вилояти Хатлон дарк намуда буданд. Аз тарафи дигар бар асари ҷанги шаҳрвандӣ, ки боиси афзоиш ёфтани мушкилоти нарасидани омӯзгорон дар вилоят гардид, зарурати таъсис додани донишгоҳҳоро бештар менамуд. Аз ин лиҳоз, собит шудааст, ки ба шароити душвори солҳои ҷанги шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, Сарвари давлат ба таъсис додани донишгоҳҳо ва ё ин ки ба табдил додани баъзе аз донишкадаҳо ба донишгоҳҳо иқдом намуда, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани заминаҳои моддӣ – техникии донишгоҳҳо кӯшишҳои пайваста анҷом доданд.

4. Дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ, бо ташаббус ва дастгириҳои Пешвои миллат заминаҳои моддӣ - техникии донишгоҳҳои вилоят мустаҳкам гардида, оҳиста - оҳиста ба яке аз боргоҳҳои бузурги илму

маърифат ва марказҳои маъруфи тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ табдил ёфтанд. Исбот карда шудааст, ки дар давоми солҳои истиқлоли давлатӣ донишгоҳҳо дар вилоят барои рушди соҳаи маориф ва махсусан барои омодакунии кадрҳои омӯзгорӣ саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Хулосаҳои диссертатсия асосан аз натиҷаҳои таҳлили маводди бойгонӣ, оморӣ, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ ва маълумоти марбут ба фаъолияти муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон бармеоянд. Муаллиф дар асоси маводди ҷамъоваришуда кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои асосии ташаккул ва рушди низоми тайёр намудани кадрҳои педагогиро муайян намуда, аҳаммияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбиро дар ин раванд нишон диҳад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи корҳои илмӣ оид ба таърихи маорифи Тоҷикистон, таърихи иҷтимоии давраи соҳибистиқлолӣ ва омӯзиши фаъолияти муассисаҳои таълимӣ истифода шаванд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Рисола аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», се боб бо зербобҳо, бахши «Хулосаҳо» бо зербобҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Номгӯйи адабиёт» бо зербобҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат мебошад. Рисола дар ҳаҷми 196 саҳифаи матни компютерӣ омода шудааст. Рӯйхати адабиёт 185 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, навгонии илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, нуқтаҳои ба

ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳаммияти назариявию амалии кор муайян карда шудаанд.

Боби якум – «Амалисозии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди соҳаи маориф дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ» ном дошта, дар зербобҳои он сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Хатлон ва вазъи таъминоти моддӣ-техникии муассисаҳои таълимии олӣ, касбии вилоят ва мустаҳкамшавии заминаҳои самт дар солҳои соҳибистиқлолӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Натиҷагирии боби мазкур муайян намуд, ки дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ вазъи маорифи вилояти Хатлон бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ниҳоят хароб гардида буд, аммо баъд аз Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минбаъд Президенти кишвар интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон соҳаи мазкур ба яке аз соҳаҳои афзалиятнок табдил ёфт.

Боби дуюм – «Нақши муассисаҳои таълимии олии касбии вилояти Хатлон дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ» қисми асосии таҳқиқотро ташкил медиҳад. Дар он фаъолияти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Данғара дар самти омода намудани кадрҳои педагогӣ таҳлил шудааст.

Натиҷаи боби дуюм нишон медиҳад, ки муассисаҳои таълимии олии касбии вилояти Хатлон дар тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ хизмати босазо намуданд, дастпарварони онҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ фаъолона фаъолият намуда истодаанд.

Боби сеюм – «Тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар коллеҷҳо ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон» унвон гирифта, дар зербобҳои он нақши коллеҷҳои вилояти Хатлон дар тайёр намудани

кадрҳои педагогӣ ва бозомӯзии касбии кадрҳои педагогии вилояти Хатлон ҳамчун воситаи муҳимми рушди соҳаи маориф таҳлили илмӣ гаштаанд.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар давраи истиқлоли давлатӣ коллеҷҳо дар омода намудани кадрҳои педагогии вилояти Хатлон хизмати шоён намуданд. Дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ коллеҷҳои дар вилояти Хатлон ҷойгирбуда мавқеи муҳимро касб кардаанд. Ин муассисаҳо дар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ саҳми назарраси худро мегузорнад. Дар шароити муосири пешрафти соҳаи маориф ва талаботҳои нави инноватсионӣ ва афзоянда нисбати фаъолияти кории омӯзгорони касбӣ, мавқеъ ва нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ боз ҳам муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар ин муассисаҳои таълимӣ ба донишҷӯён на танҳо донишҳои назариявӣ дода мешаванд, балки малакаҳои амалӣ, усулҳои муосири таълиму тарбия ҳам мавриди корбарӣ қарор медиҳанд, ки сатҳу сифати омодакунии кадрҳои ба талаботи замон мувофиқро ба миён меорад. Хамзамон, дар ин давра бозомӯзии касбии кадрҳои педагогии вилояти Хатлон боз ҳам тақвият ёфта, ба рушди соҳаи маориф замина фароҳам оварданд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, аҳаммияти тайёр намудани кадрҳои педагогӣ барои рушди соҳаи маорифи вилояти Хатлон нишон дода шудааст.

Муаллиф бар асоси таҳқиқоти анҷомдода пешниҳодҳои худро оид ба такмили минбаъдаи низоми тайёр намудан ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ баён намудааст.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Аҳаммияти илмӣ дар он ифода меёбад, ки он ба таҳқиқи яке аз самтҳои муҳимми таърихи иҷтимоии Тоҷикистон – ташаккул ва рушди низоми тайёр намудани кадрҳои педагогӣ – бахшида шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он ҳамчун маводди таълимӣ ва илмӣ барои таҳқиқоти соҳаи таърихи

ватанӣ истифода шавад. Инчунин рисолаи мазкур ҳамчун маводди дарсӣ омӯзиши таърихи ташаккули соҳаи маориф, пеш аз ҳама омода гардидани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлонро инъикос намуда, дурнамои рушди ин соҳаро пешбинӣ мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин метавонанд барои омӯзиши таҷрибаи таърихии тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ ва бозомӯзии онҳо аҳаммияти муайян дошта бошанд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот бошад, дар муайян намудани нақши низоми тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар рушди устувори соҳаи маориф ва истифодаи самараноки захираҳои кадрӣ дар вилояти Хатлон ифода меёбад.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди сармояи инсонӣ ҳисоб меёбад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии рисолали диссертатсионӣ дар 14 интишороти муаллиф инъикос шудаанд, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризашавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 мақола дар маводди конференсияҳои ҷумҳуриявӣ дарҷ гардидаанд. Ҳамаи ин мақолаҳо ба мавзуи таҳқиқотӣ дахл доранд, ки муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферatro инъикос мекунанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи. муқарраргардида. Диссертатсия тибқи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Он ба забони адабии тоҷикӣ ва оммафаҳму илмӣ навишта шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд:

1. Дар баъзе мавридҳо таҳлили равандҳои умумии рушди маориф аз таҳлили мустақими масъалаи тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ бештар ҷой гирифтааст. Ба андешаи мо, робитаи байни сиёсати умумии маориф ва натиҷаҳои тайёр намудани кадрҳои педагогӣ метавонист боз ҳам возеҳтар нишон дода шавад.

2. Ба андешаи мо таҳлили нишондиҳандаҳои омории омоданамоии кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар вилояти Хатлон дар даврони истиқлоли давлатӣ солҳои 1991- 2021 ва сафарбар намудани онҳо ба минтақаҳо мунтазам мониторинг карда шавад, ки дар рисола кам ба мушоҳида мерасад.

3. Дар боби дуюм фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар вилояти Хатлон таҳлил гардида бошад ҳам, муқоисаи самаранокии омодасозии кадрҳои педагогӣ дар ин муассисаҳо метавонист ба таври васеътар пешниҳод гардад.

4. Дар баъзе мавридҳо ба масъалаи тақсимоти хатмкунандагони ихтисосҳои педагогӣ ба муассисаҳои таълимии ноҳияҳои вилояти Хатлон ва мушкилоти таъмини муассисаҳои деҳот бо омӯзгорони соҳибихтисос таваҷҷуҳи бештар додан мумкин буд.

5. Дар матни диссертатсия баъзе масъалаҳои таҳрири услубӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд, ки ҳангоми омодасозии нусхаи ниҳоӣ ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзиши умумии илмӣ ва аҳаммияти натиҷаҳои таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Иброҳимзода Зафар Иброҳим дар мавзуи «**Тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон (солҳои 1991 - 2021)**», ҳамчун таҳқиқоти мустақилона ва аз лиҳози мантиқӣ баанҷомрасида буда, ба талаботи банди 95-и муқаррарнамудаи Низомномаи Шурои

диссертатсиони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, банди 85, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1. Таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ
и.в.дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Сафарзода Ғ.Ғ.**

Имзои Сафарзода Ғ.Ғ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Абдуназаров А.**
аз "20" марти соли 2026